# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар хусуси Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо бемории сил

Мутобиқи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо бемории сил, ки 20 майи соли 2021 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 2 марти соли 2023, № 68

**ҚАРОРИ Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар хусуси Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо бемории сил

Мутобиқи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазокистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо бемории сил, ки 20 майи соли 2021 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, тасдиқ карда шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида ҷониби Қазокистонро дар бораи аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур заруранд, огоҳ намояд.

Раиси
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазокистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо бемории сил**

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазокистон, минбаъд ҳамчун Тарафҳо номида мешаванд,

аҳамияти ҳамкориро дар пешгирӣ намудани паҳншавии бемориҳои сироятӣ, ки ба аҳолии давлатҳои Тарафҳо хатари калон доранд, ба эътибор гирифта,

бо нияти давом ва вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва таъмин намудани мувофиқатии тадбирҳои давлатии зидди эпидемиологӣ ва санитарию гигиенӣ барои ҳифзи санитарии минтакаҳои давлатҳои Тарафҳо,

бо назардошти он, ки бемории сил барои саломатии аҳолӣ таҳдиди байналмиллалӣ дорад,

бо назардошти аҳамияти махсуси иҷтимоии ин мушкилӣ дар шароити реҷаи бераводид ва ҷараёнҳои фаъоли муҳоҷиратӣ байни давлатҳои Тарафҳо,

бо назардошти он, ки барномаҳои Тарафҳо оиди пешгирӣ ва мубориза бо бемории сил, бо назардошти манфиатҳои миллӣ амалӣ карда мешаванд,

бо зикр кардани он, ки бемории сил ва танҳо мушкилии тандурустии ҷамъиятӣ аст, балки хатаре ба амният мебошад, ки оқибатҳои давомдори иҷтимоӣ ва иқтисодии, бо бемориҳои илҳоқӣ ва дигар ҳолатҳо вобаста буда дорад,

бо назардошти як қатор ҳуҷҷатҳои асосии стратегӣ, ки чорабиниҳоро оиди пешгирӣ намудани бемории сил ва расондани ёрии зиддисилӣ дастгирӣ ва идора менамоянд, аз ҷумла Стратегия Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (минбаъд СУТ) "Ба бемории сил хотима диҳем", Нақшаи Глобалии "Бемории силро боз медорем" барои солҳои 2016-2020 ва Изҳороти консенсусии Волфхезе ва инчунин дар асоси қонунгузории давлатҳои Тарафҳо,

ба қарори зерин омаданд:

*Моддаи 1*

Барои ҳадафҳои Созишномаи мазкур, истилоҳоти дар поён оварда шуда маънои зерин доранд:

"**Муҳоҷир**" - шахсест, ки шаҳрванди яке аз Тарафҳо буда, дар давлати яке аз тарафҳо қарор дорад ва шаҳрванди он намебошад;

"**Давлати истиқомати доимӣ**" - давлате, ки муҳоҷир шаҳрванди он буда, онҷо доимо истиқомат дорад;

"**Давлати истиқомати муваққатӣ**" - давлате, ки ба муҳоҷире, ки шаҳрванди ин давлат нест, хизматҳои тиббӣ мерасонад;

"**Муассисаҳои тиббии ваколатдор**" -муассисаҳои тиббӣ, ки дар чорчӯбаи қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҳифзи тандурустӣ, хизматҳои тиббиро оид ба пешгирӣ, ташхис ва табобати бемории сил мерасонанд.

*Моддаи 2*

Тарафҳо ёрии тиббиро ба шаҳрвандони давлатҳои Тарафҳо, ки гирифтори беморип силанд, мувофиқи қонунҳои давлатҳои худ мерасонанд.

*Моддаи 3*

1. Бо мақсади таъмин намудани тадбирҳои назорати байнисарҳадӣ, пешгирӣ ва табобати бемории сил байни муҳоҷирон, Тарафҳо оиди такмил додани қонунгузории давлатҳои худ, дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ, ки давлатҳои онҳо дар ин созишномаҳо иштирок менамоянд ва тавсияҳои ТУТ оид ба назорати байнисарҳадии бемории сил байни муҳоҷирон чораҳои лозим меандешанд.

2. Тарафҳо:

кор карда баромадан ва қабули санадҳои дахлдори меъёрӣ-ҳуқуқиро оиди татбиқи муқаррароти Созишномаи мазкур таъмин менамоянд;

ҳамдигарро оиди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабулшуда оид ба мушкилиҳои бемории сил ва таъмин намудани ёрии тиббӣ ба гирифторони сил хабардор менамоянд;

ба ҳамкорӣ байни ташкилотҳои давлатии ваколатдор дар татбиқи муқаррароти Созишномаи мазкур мусоидат менамоянд;

механизми мубодилаи иттилоотро оиди муҳоҷирони гирифтори бемории сил буда кор карда татбиқ менамоянд;

мониторинги иҷрои Созишномаи мазкурро таъмин менамоянд;

дигар вазифаҳоро оиди мубориза бо бемории сил, мувофиқи қонунҳои давлатҳои худ иҷро мекунанд.

*Маддаи 4*

Тарафҳо рӯйхати муассисаҳои ваколатдори тиббии худро, ки хизматҳои тиббиро оиди пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемории сил бо ҳам мубодила менамоянд ва ҳамдигарро дар ҳолати нав карда шудани ин рӯйхатҳо хабардор менамоянд.

*Моддаи 5*

Тарафҳо ҳуқуқ ва озодиҳои муҳоҷирони гирифтори бемории сил бударо мувофиқи қонунгузории давлатҳои худ риоя менамоянд.

*Моддаи 6*

Тарафҳо ҳамдигарро оиди муайян намудани муҳоҷирони гирифтори бемории сил буда дар қаламрави давлати худ хабардор менамоянд ва инчунин маълумоти лозимиро оиди табобати муҳоҷирони гирифтори бемории сил буда, пешниҳод менамоянд.

*Моддаи 7*

Тарафҳо барои таъмини ҳуқуқҳои баробар барои ташкилотҳои давлатӣ, байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ ва иштироки онҳо дар барномаҳо, лоиҳаҳо ва коркардҳои якҷоя оид ба мубориза бурдан бо паҳншавии бемории сил, шароитҳои заруриро таъмин менамоанд, барои алоқа ва машваратҳои мунтазам ва инкишофи робитаҳои бевосита байни онҳо мусоидат менамоянд.

*Моддаи 8*

1. Тарафҳо ҳамкории худро оид ба гузаронидани тадбирҳои зиддисилӣ нисбати муҳоҷирон мустаҳкам менамоянд.

2. Тарафҳо ба ҳамоҳангкунии ҳуҷҷатҳо, ки гузаронидани тадбирҳои зиддисилиро нисбати муҳоҷирон, аз ҷумла онҳое, ки дар қаламрави давлатҳои Тарафҳо бо фаъолияти меҳнатӣ машғуланд, ба танзим медароранд, мусоидат менамоянд, бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқ барои дастрасӣ ба ташхис ва табобати бемории сил барои муҳоҷирон, чӣ дар давлати истиқомати муваққатӣ ва инчунин дар давлати истиқомати доимӣ.

*Моддаи 9*

Тарафҳо оиди бақайдгирӣ ва баҳисобгирии муҳоҷирон, аз ҷумла онҳое, ки дар қаламрави давлатҳои Тарафҳо бо фаъолияти меҳнатӣ машғуланд; онҳое, ки дар муассисаҳои тиббии дахлдор табобат мегиранд; таҷрибаро оиди усулҳои нави ташхис ва табобати бемории сил, инчунин офиятбахшии иҷтимоӣ ва тиббии муҳоҷирони ба бемории сил гирифтор бударо меомӯзанд, маълумотро оиди натиҷаҳои санҷишҳои тиббии шахсони ба қаламрави давлати истиқомати муваққатӣ воридшуда ва (ё) барои гирифтани иҷозатнома муроҷиаткунандаро мубодила менамоянд.

*Моддаи 10*

1. Тарафҳо тадбирҳои назорати сироятиро меандешанд ва инчунин чораҳои ҳифзи индивидуалии респираториро мебинанд, чӣ дар ташкилотҳое, ки ташхис ва табобатро мегузаронанд ва инчунин ҳамгоми бурда расондани ни муҳоҷирони ба бемории сил гирифтор буда аз қаламрави давлати як Тараф ба қаламрави давлати Тарафи дигар, бо мақсади пешгирӣ намудани паҳншавии беморӣ.

2. Тарафҳо муоинаи аъзоёни оила ва шахсоне, ки бо муҳоҷири ба бемории сил гирифтор буда алоқа доштанд, новобаста аз он ки бемор дар қаламрави давлати кадом Тараф аст, таъмин менамоянд ва дар ҳолати зарурӣ ба онҳо, мувофиқи қонунгузории давлатҳои худ, ёрии тиббӣ мерасонанд.

3. Ҳангоми муайян намудани муҳоҷирони ба бемории сил гирифторбуда дар давлати истиқомати муваққатӣ, ҳар кадоме аз Тарафҳо Тарафи дигарро, ки дар қаламрави он ин бемор зиндагонӣ мекунад, тамос оид ба бемор (маълумоти шиносномавӣ, суроғаи ҷои истиқомат, маълумот барои тамос, маълумоти анамнези эпидемиологӣ ва ғайраро) барои гузаронидани чорабиниҳои санитарӣ ва зиддиэпидемӣ (пешгирикунанда) дар ҷойи зисти бемор дар давлати истиқомати доимӣ хабар менамоянд.

*Моддаи 11*

Тарафҳо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, диаспораҳо, намояндагиҳои дипломатбӣ ва/ё муассисаҳои консулгарии давлатҳои Тарафҳоро ба корҳо оид ба пешгирӣ, ташхис ва табобати бемории сил байни муҳоҷирон, аз ҷумла, онҳое, ки дар ҳудуди давлатҳои Тарафҳо бо фаъолияти меҳнатӣ машғуланд, ҷалб менамоянд.

*Моддаи 12*

Бо мақсади пешгирӣ намудани бемории сил ва нуқсҳои он, ва инчунин барои мубодилаи маълумот оиди усулҳои замонавии ташхису табобат, Тарафҳо ба таври мунтазам аҳолии давлати худро оиди чораҳои зарурӣ хабардор менамоянд ва барои гузаронидани намоишгоҳҳои мавзӯӣ, конфронсҳо ва семинарҳои якҷоя мусоидат менамоянд.

*Моддаи 13*

Барои иҷро намудани Созишномаи мазкур, Тарафҳо як гурӯҳи кории муштаракро, иборат аз 5 (панҷ) нафар аз ҳар як Тараф ташкил медиҳанд. Вохӯриҳои гурӯҳи корӣ ҳар сол гузаронида мешаванд. Аз рӯи зарурат, бо ташаббуси аке аз Тарафҳо, маҷлисҳо зиёда аз як маротиба дар як сол гузаронида шуда метавонанд. Гурӯҳи корӣ фаъолияти худро дар асоси регламент, ки дар маҷлиси якумин қабул карда мешавад, иҷро менамояд.

*Моддаи 14*

Ҳамаи баҳсҳое, ки байни Тарафҳо вобаста бо иҷро ва маънидоди Созишномаи мазкур ба вуҷуд меоянд, бо роҳи машваратҳо ва музокирот байни онҳо ҳал карда мешавад.

*Моддаи 15*

Муқаррароти Созишномаи мазкур ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Тарафҳо, ки аз дигар шартномаҳои байналмилалӣ, ки давлатҳои Тарафҳо иштирокчиёни он шартномаҳо ҳастанд, дахолот намекунанд.

*Моддаи 16*

Бо ризоияти Тарафҳо, ба Созишномаи мазкур тағйиротҳо ва иловаҳо ворид карда шуданаш мумкин аст, ки бо протоколҳои алоҳида ба расмият дароварда мешаванд. Ин протоколҳо қисми ҷудоинопазири Созишномаи мазкур мебошанд ва бо тартибе, ки дар моддаи 17 Созишномаи мазкур пешбинӣ шудааст, эътибор пайдо мекунанд.

*Моддаи 17*

Созишномаи мазкур аз рӯзи бо роҳҳои дипломати гирифтани ҷониби Қазоқистон огоҳиномаи хаттӣ дар бораи аз ҷониби Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани ин Созишнома заруранд, эътибор пайдо мекунанд.

Созишномаи мазкур ба муҳлати 5 (панҷ) сол амал карда, дар давраҳои минбаъда тамдид меёбад, агар ҳеҷ кадоме аз Тарафҳо на дергар аз 6 (шаш) моҳ пеш аз ба охир расидани мӯҳлати аввалия ё ягон давраи минбаъдаи он Созишнома тавассути каналҳои

дипломатӣ ба тариқи хаттӣ Тарафи дигарро дар бораи нияти бекор кардани он оид ба дароз накардани Созишномаи мазкур огоҳ мекунад.

Созишнома дар шаҳри Душанбе 20 майи соли 2021 дар ду нусха, ки ҳар кадом бо забонҳои тоҷикӣ, қазоқӣ ва русӣ тартиб дода шуда, дар ду нусхаи асл ба имзо расидааст ва ҳамаи матнҳо эътибори якхелаи ҳуқуқӣ доранд.

Дар сурати ихтилофи назарҳо дар шарҳи алоҳидаи муқаррароти Созишномаи мазкур матни забони русӣ афзалият дорад.

| | |
|---|---|
| Аз ҷониби Вазорати тандурустии ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҷониби Вазорати тандурустӣ Ҷумҳурии Қазоқистон |